аз 07.11.2024, №647

«Дар бораи ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот»

Дар асоси қарори ҳайати Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2024, №647 бо мақсади баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон ва ҳавасмандгардонии онҳо дар муносибатҳои андозӣ ва таъмини риояи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2021, №432, дар асоси моддаи 89 Кодекси андоз ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андоз, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14.09.2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ҷиҳати ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот Иқдоми бурдноки «Расидро талаб намо ва мукофот гир» гузаронида шавад.

2. Тартиби ташкил ва гузаронидани Иқдоми бурдноки «Расидро талаб намо ва мукофот гир» ва ҳайати Комиссияи тадорукотии Иқдом тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

3. Муқаррар карда шавад, ки даври якуми Иқдом аз 1 декабри соли 2024 дар ҳудуди ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида мешавад.

4. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон якҷоягӣ бо:

- Раёсати технологияҳои иттилоотӣ, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», КВД «Редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва Бахши робита бо воситаҳои ахбори омма ҷиҳати дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир намудани Тартиби ташкил ва гузаронидани Иқдом ва ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон тавассути васоити ахбори омма расонидани шарту муҳтавои Иқдом ва рафти он чораҷӯӣ намояд;

- Сарраёсати маъмурикунонии андоз, раёсатҳои таъмини ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории андоз, КВД «Редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ», раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва шаҳри Душанбе, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ барои дар сатҳи баланд баргузор намудани Иқдом чораҷӯи намоянд.

5. КВД «Маркази барномасозӣ ва маъмурикунонии андоз» вазифадор карда шавад, ки бо мақсади татбиқ ва амалии Иқдоми бурдноки «Расидро талаб намо ва мукофот гир» барои таҳияи модули алоҳидаи барномаи мобилӣ, чораҷӯӣ намояд.

6. Сарраёсатҳои маъмурикунонии андоз ва назорати андоз дар якҷояги̅ бо КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» рӯйхати субъектҳои хоҷагидор ва дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва таҷҳизоти интиқоли маълумот дар реҷаи вақти воқеии субъектҳои хоҷагидори ба фурӯши чаканаи молҳо (иҷрои кор, хизматрасонӣ) машғулбударо муайян намуда, барои иштирок дар Иқдом чораҷӯӣ намояд.

7. Баъд аз қабул гардидани фармоиши мазкур, Фармоиши Кумитаи андоз аз 25.11.2021, №551 "Дар бораи ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ҳангоми хариди молу маҳсулот" бекор карда шавад.

8. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ нусхаи фармоиши мазкурро ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

9. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А.М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи №1
ба фармоиши Раиси
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «07» ноябри соли 2024, №647

**Тартиби ташкил ва гузаронидани
иқдоми ҳавасмандгардонии бурднок**

**1. Муқаррароти умумӣ**

Иқдом аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон ва ҳавасмандгардонии онҳо дар муносибатҳои андозӣ таҳти номинатсияи «Расидро талаб намо ва мукофот гир» гузаронида мешавад.

**2. Тартиб ва шартҳои гузаронидани Иқдом**

1) Барои иштирок ва ҷиҳати муайян намудани ғолибон дар Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» (минбаъд – Иқдом) меъёрҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

2) Дар Иқдом ҳамаи шаҳрвандони аз синни 16 боло, ки аз нуқтаҳои фурӯши чакана хариди мол ва пардохти хизматрасониҳо, иҷрои корҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд, иштирок карда метавонанд.

3) Ҷиҳати иштирок дар Иқдоми мазкур, шаҳрвандон бояд дар барномаи махсуси мобилии «Андози ман», ки дар замимаи «Play Market» ва «App Store» ҷойгир карда шудааст, худро ҳамчун истифодабаранда ба қайд гирифта, расиди дастгоҳи назоратӣ хазинавиро аксбардорӣ ва дар он ҷойгир намоянд.

5) Расидҳои ДНХ, ки дар моҳи тақвимӣ аз ҷониби яке аз иштирокчиён дар барномаи махсуси мобилӣ ба қайд гирифта шудаанд, такроран ба ҳисоб гирифта намешаванд.

6) Баъди ба барномаи махсуси мобилӣ ворид намудани расидҳои ДНХ ба иштирокчӣ рамзи махсус (ID) ирсол карда мешавад, ки бояд дар давраи муҳлати баргузории Иқдом нигоҳдории SMS–хабар бо рамзи махсус дар телефони мобилӣ аз ҷониби иштирокчиён таъмин карда шавад.

7) Нигоҳдории расидҳои аслии ДНХ оид ба хариди молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо аз ҷониби иштирокчиён то лаҳзаи муайян намудани ғолибони даври навбатӣ ва ҳавасмандгардонӣ аз рӯи бурдҳои молии Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» ҳатмӣ мебошад.

8) Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» дар ҳолате гузаронида мешавад, ки шумораи умумии иштирокиёни бақайдгирифташуда аз рӯи ҳар як номгӯи бардҳои гузошташуда тибқи меъёрҳои муқаррааргардидаи зерин зиёд бошад: а) барои бурдҳои арзишнок на кам аз 100 нафар, б) бурдҳои қиматнок на кам аз 50 нафар ва в) бурди асосӣ на кам аз 30 нафар.

## 3. Давраьои баргузории Иқдом

9) Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» дар семоҳ як маротиба ташкил ва гузаронида мешавад.

10) Даврияти гузаронидани Иқдоми «Расидро талаб кун ва мукофот гир» аз руйи бурди асосӣ (автомошинаи сабукрав) дар нимсола ва солона гузаронида мешавад.

## 4. Ғолибон

11) Дар ҳар як даври баргузории Иқдом ғолибон аз рӯи номгӯи ҳар як бурди гузошташуда, тибқи рамзҳои махсуси қаблан ба иштирокчиёни Иқдом ирсолшуда бо роҳи қуррапартоӣ интихоб ва муайян карда мешаванд.

12) Тибқи тартиби мазкур ҳар як иштирокчии бақайдгирифта ҳуқуқ дорад дар ҳар як давраи баргузории Иқодми «Расидро талаб кун ва мукофот гир» аз рӯи номгӯи як бурди молию пулии гузошташуда, иштирок намояд.

13) Барои бурдҳои арзишнок шахсоне, иштирок карда метавонад, ки шумораи расидҳои хариди молҳои (иҷрои кор, хизматрасонӣ) онҳо на кам аз 10 адад ва ба маблағи умумии зиёда аз 1 000 сомониро ташкил медиҳад.

14) Барои бурдҳои қиматнок шахсоне, иштирок карда метавонад, ки шумораи расидҳои хариди молҳои (иҷрои кор, хизматрасонӣ) онҳо на кам аз 20 адад ва ба маблағи умумии зиёда аз 5 000 сомониро ташкил медиҳад.

15) Барои бурди асосӣ шахсоне, иштирок карда метавонад, ки дар рафти баргузории ҳар як даври Иқдоми мазкур фаъолона иштирок намуда, шумораи расидҳои хариди моли (иҷрои кор, хизматрасонӣ) онҳо на кам аз 30 адад ва ба маблағи умумии зиёда аз 10 000 сомониро ташкил медиҳад.

16) Бурдҳо ба ғолибони Иқдом аз ҷониби Комиссияи тадорукот дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият супорида мешаванд.

## 5. Комиссияи тадорукот

17) Ҷиҳати баргузории Иқдом – Комиссияи тадорукот аз ҳисоби кормандони Кумитаи андоз, намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

18) Ҳайати Комиссияи тадорукот бо фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

19) Ваколатњои Комиссияи тадорукот:

- ташкил ва баргузор намудани Иқдом;
- назорати баргузории саривақтии давраҳои Иқдом;
- назорати интихоби шаффофи ғолибон ва риояи Тартиби ташкил, гузаронидан ва супоридани бурдҳои Иқдом.

## 6. Номгӯи бурдҳо

20) Бо мақсади ҳавасмандгардонии шаҳрвандон ба ғолибони Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» аз ҷониби Комиссияи тадорукот бурдҳои (ҷоизаҳои) зерини молию пулӣ тақдим карда мешаванд:

**Бурдҳои арзишнок**
Телефони мобилӣ – 10 адад
Чангкашак – 10 адад
**Бурдҳои қиматнок**
Телевизор – 10 адад
Ноутбук – 10 адад
Мошинаи ҷомашуӣ – 10 адад
Яхдон – 10 адад
**Бурди асосӣ**
Автомошинаи сабукрав 4 адад.

## 7. Ҳалли баҳсҳо байни иштирокчиёни Иқдом

21) Ҳамагуна баҳсҳои бамиёномада байни иштирокчиён ва ташкилкунандаи Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» тариқи гуфтушунид ва мутобиқи тартиби муқаррарнамудани қонунгузорӣ баррасӣ карда мешаванд.

## 8. Муқаррароти хотимавӣ

22) Натиҷаи ҳар як даври Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.andoz.tj) ҷойгир карда шуда, дар ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ», шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои ахбори омма нашр карда мешаванд.

23) Ташкилкунандаи Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» тибқи талаботи қонунгузорӣ аз ҳисоби маблағҳои дар буҷет пешбинигардида пардохти

андоз аз даромад аз ҳисоби арзиши бурдҳо ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандонро таъмин менамояд.

24) Назорати гузаронидани Иқдоми «Расидро талаб намо ва мукофот гир» аз ҷониби Комиссияи тадорукот амалӣ карда мешавад.